# Гавҳар Шарофзода аз номҳои бегона ва ғайримиллӣ изҳори нигаронӣ кард

Submitted by Ҳайати тадорукот on 24 July, 2017 - 12:30
Санҷиш ва омӯзиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин нуктаро Гавҳар Шарофзода, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз зимни нишасти матбуотӣ баён дошт.

«Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар номгузории маҳалҳо ва кӯчаю хиёбонҳо, бо вуҷуди тағйири номҳои бегона ва ғайримиллӣ, мутаассифона, бархе аз камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Ин ба такрори номҳои ашхос дар як ҷой ва ё дар чандин маҳалҳои дигар иртибот дорад. Аз ин рӯ зарур аст, ки Комиссияи номгузории назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои пешгирии ин раванд тадбирҳои мушаххас андешад»,-иброз дошт Гавҳар Шарофзода.

ДУШАНБЕ, 30.01.2017 /АМИТ «Ховар»/.

**Content rating:** 1

Average: 1 (1 vote)

Rate

## Category:

- АМИТ «Ховар» [1]
- Ахбори рӯз [2]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/134

**Links**
[1] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/12 [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10